## Протоколи Маҷлиси Гурӯҳи РЕАКТ

**25 - уми августи соли 2011**

---

## Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб

---

Маҳаллаи Борбад № 17, шаҳри Кӯлоб, вилояти Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

**Иштирокчиён:**

| **Намояндаи муассиса** | **Ному насаб** | **Вазифа** |
|---|---|---|
| Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб | Азимов Маҳмадкабир | Иҷрокунандаи вазифаи Сардори СҲФ ва МГ |
| Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, шаҳри Кӯлоб | Абдуалимов Қурбоналӣ | Муҳандис |
| Миссияи Шарқ, шаҳри Кӯлоб | Шомадов Шодӣ | Офисери калони барнома |
| | Талбаков Турахон | Раиси коалитсияи Пахтакор 1, н. Восеъ |
| | Давлатов Амиршо | Раиси коалитсияи Пахтакор 2, н. Восеъ |
| | Латифов Сайҷамол | Раиси коалитсияи Пахтаобод, н. Восеъ |
| Барномаи Ҷонибдории Инкишофи Иҷтимоии Манотиқи Кӯҳистон-и минтақаи Хатлон | Набиев Ҳабибулло | Роҳбари Бахши Идоракунии Маҳаллӣ |
| Оксфам, шаҳри Кӯлоб | Абдулвоҳидов Носир | Офисери барнома |

**Рӯзнома:**

1. Шиносоӣ – Раиси маҷлис;
2. Маълумот ва навигариҳо оид ба офатҳои табиӣ дар минтақаи Кӯлоб – СҲФ ва МГ;
3. Ахборот аз тарафи шарикон;
4. Дигар масъалаҳо;
5. Муайян намудани рӯзномаи маҷлиси оянда – Раиси маҷлис.

1. **Шиносоӣ**

Иҷрокунандаи Сардори Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб, майор - Маҳмадкабир Азимов маҷлиси навбатии гурӯҳи РЕАКТ-ро кушода, иштирокчиёнро хайру мақдам гуфт. Сипас, иштирокчиён худро ба якдигар шинос намуданд.

2. **Маълумот ва навигариҳо оид ба офатҳои табиӣ дар минтақаи Кӯлоб**

Мувофиқи маълумоти майор - Маҳмадкабир Азимов дар моҳи Августи соли 2011 дар минтақаи Кӯлоб ягон ҳодисаи фавқулоддаи табиӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Дар натиҷаи гарм шудани боду ҳаво ва об шудани прияххо, сатҳи оби дарёи Панҷ каме баланд шудааст ва дар ҳозира ягон хатару таҳдид ба аҳолӣ надорад.

3. **Ахборот аз тарафи шарикон**

**Шомадов Шодӣ, офисери калони барномаи ташкилоти Миссияи Шарқ** баромад карда қайд намуд, ки  ташкилоти Миссияи Шарқ дар якҷоягӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва Ширкати «Вавилон – мобайл» ҳамкорӣ дорад. Дар телефонҳо бахши «Оила» ҷойгир карда шудааст, ки ҳар шахс метавонад, ки рақамҳои телефонҳои се нафари шахсияти наздикӣ худро дохил намоянд. Дар вақти рӯй додани ягон ҳодиса ин рақамҳо истифода бурда мешаванд. Саҳначаҳо доир ба ин мавзӯъ омода карда шуда ба тариқи васоити ахбори омма намоиш дода истодаанд.

Ташкилоти Миссияи Шарқ дар якҷоягӣ бо Созмони Милали Муттаҳид оид ба иҷроиши бахши паст кардани хавфи офатҳои табиӣ лоиҳаи «Паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон» ҳамкорӣ намуда истодааст. Лоиҳаи мазкур дар ноҳияҳои сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон амалӣ гашта истодааст. Мӯҳлати иҷроиши лоиҳа то охири соли 2011 давом дода шуд. Ҳафтаи гузашта, мизи мудаввар ташкил карда шуд ва як гурӯҳи корӣ аз Ҷумҳурии Афғонистон омада дар чорабинии мазкур иштирок намуданд. Ҳафтаи дуюми моҳи сентябр боз як гурӯҳи корӣ аз Ҷумҳурии Афғонистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф меоранд ва бо таҷрибаҳои кории ташкилоти Миссияи Шарқ дар сатҳи деҳот шинос карда мешаванд.

Иҷроиши лоиҳаи ДИПЕКО – 6-и ташкилоти Миссияи Шарқ рӯзи 15-уми сентябр соли 2011 ба анҷом мерасад.

**Абдулвоҳидов Носир, намояндаи ташкилоти Оксфам** қайд намуд, ки лоиҳаи ДИПЕКО 6-и ташкилоти Оксфам дар охири моҳи июл ба итмом расид. Ҷаласаи ҷамъбастӣ ташкил карда шуд ва натиҷаҳои ин лоиҳа ба ҳамагон шинос карда шуд.

**Абдуалимов Қурбоналӣ, намояндаи Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид** баромад намуда маълумот дод, ки  лоихаи Баркарорсозии иншооти обанбори минтакаи Тебалай идома дорад. Инчунин сохтмони дамбаи муҳофизатии иншооти обтаъминкунии Тебалай низ давом дорад. Фаъолиятҳои лоиҳаи «Системаи Огоҳкунии Саривақтии дар соҳили сойи Тебалай" амалӣ гашта истодааст. Барои дастрас намудани тачхизоти сангмайдакунӣ дар кӯчаи Чармгари Поён тендер эълон карда шудааст, ки иқтидори он 50 тонна дар 1 баст мебошад. Дар айни хол комиссияи тендери барои муайян намудани голиб корхои худро давом истодааст. Иншооти

сангмайдакунӣ ҳамчун Ҷамъиятии Масъулияташ Кушодаи «Чармгари Поён» ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд.

**4. Дигар масъалаҳо**

Ҳоло, дар дарёи Сурхоб ва Ёхсӯ об нест, чунки обҳои ин дарёҳо мавсимӣ мебошанд. Баъзе хоҷагиҳои деҳқонӣ аз нарасидани оби ирригатсионӣ мушкилӣ мекашанд. Танҳо аз обанбори ноҳияи Мӯъминобод ба воситаи дарёи Ёхсӯ об омада, хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоатҳои деҳоти шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Восеъ аз он истифода мебаранд, ки ин ҳам барои обёрии заминҳои корам басанда нест.

Рӯйхати коалитсияҳои ташкилкардаи ташкилоти Миссияи Шарқ ба котиботи гурӯҳи РЕАКТ пешниҳод карда мешавад, ки минбаъд дар маҷлисҳои гурӯҳи РЕАКТ ҷалб карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон дар ташрифи худ дар шаҳри Кӯлоб қайд намуд, ки барои пешгирии офатҳои табиӣ ва бо оби ошомиданӣ ва ирригатсионӣ таъмин кардани шаҳри Кӯлоб дар минтақаи ҷамоати Балхобӣ, яъне болои сойи Тебалай обанбори калон дар солҳои оянда сохта мешавад.

Намояндагони идораҳои минтақавии Кӯлоб барои иштироки доимӣ дар маҷлисҳои гурӯҳи РЕАКТ ҷалб карда шаванд.

**5. Муайян намудани рӯзномаи маҷлиси оянда**

Аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки барои рӯзномаи маҷлисиояндаи гурӯҳи РЕАКТ, пешниҳодҳои худро пешакӣ ба котиби маҷлиси гурӯҳи РЕАКТ ва Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб расонанд.

Маҷлиси навбатии гурӯҳи РЕАКТ рӯзи 29-уми сентябри соли 2011, Панҷшанбеи охири моҳ дар идораи Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб ба нақша гирифта шудааст.